«Мувофиқа шуд»
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
_________С.Наҷмиддинов
аз "21" декабри соли 2012
№ 3-12а/6

«Тасдиқ шудааст»
бо Фармоиши Раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "21" декабри соли 2012
№ 17-Ф

# ДАСТУРАМАЛ
## оид ба андозбандии сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали мазкур мутобиқи қисми 8 моддаи 312 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, тартиби андозбандӣ ва татбиқи имтиёзҳои андоз дар давраи сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Мафҳумҳо ва истилоҳоте, ки дар Дастурамали мазкур ба мақсадҳои андозбандӣ ва татбиқи имтиёзҳои андозу гумрук мавриди истифода қарор дода шудаанд:

а) низоми имтиёзноки андозбандӣ – тартиби махсуси андозбандӣ, ки барои татбиқи сиёсати давлатӣ мутобиқи Кодекси мазкур додани афзалиятҳои иловагиро пешбинӣ менамояд.

б) имтиёзҳои андоз – афзалиятҳое, ки мутобиқи Кодекси мазкур ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ба андозсупорандагон дода мешаванд, аз ҷумла додани имконияти напардохтан ё дар ҳаҷми камтар ё дар мӯҳлати нисбатан дертар супоридани андоз.

в) фармоишгар - шахси ҳуқуқӣ - резидент ё корхонаи хориҷӣ, ки тариқи муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, барои сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ шартнома бастааст;

г) пудратчии генералӣ - шахси ҳуқуқӣ - резидент ё корхонаи хориҷӣ, ки тариқи муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, ӯҳдадор аст бо супориши Фармоишгар, дар доираи шартномаи басташуда маҷмӯи корҳоро оид ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ иҷро намояд;

д) таҳвилкунандагони мол - шахси ҳуқуқӣ, резидент ё корхонаи хориҷӣ, ки аз ҷумла тариқи муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, ӯҳдадор мешавад ба Фармоишгар ё Пудратчии генералӣ дар мӯҳлатҳои аҳд кардашуда молҳо, корҳо ё хизматрасониҳои

истеҳсолшуда, харидкардашуда ё вориднамудаашро, ки бевосита барои истифодаи сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ пешбинӣ шудаанд, таъмин намояд.

е) таҳвили мол — додани ҳуқуқи моликият ба молҳо, аз ҷумла фурӯш, мубодила ё тақдим, интиқоли ройгон ё қисман пардохт намудани он, додани музди меҳнат дар шакли аслӣ (натуралӣ) ва пардохтҳои дигар дар шакли аслӣ, инчунин ба гаравгиранда додани ҳуқуқи моликият ба моли ба гарав мондашуда.

3. Шахсони ҳуқуқӣ - резидент ё корхонаи хориҷӣ, ки ба онҳо Дастурамали мазкур дахл дорад, иштирокчиёни сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд:

а) фармоишгар;

б) пудратчии генералӣ;

в) таҳвилкунандагони мол, ки таҳвили молҳо, иҷрои кор ва хизматрасониҳоро бевосита барои истифодаи сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ анҷом медиҳанд.

4. Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ ва Пудратчии генералии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ бо дархости Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи регламенти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

5. Давраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархости Вазорати энергетика ва саноати Чумҳурии Тоҷикистон, ки дар якҷоягӣ бо Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ ва Пудратчии генералии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ омода гардида, мутобиқи регламенти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, тасдиқ карда мешавад.

6. Озодкунӣ аз пардохти андозҳо ба иштирокчиёни сохтмон, ки дар банди 3 ҳамин Дастурамал зикр ёфтаанд аз рӯи муомилотҳое (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо), ки ба шартҳои зерин ҷавобгӯ мебошанд, пешниҳод карда мешавад:

а) аз ҷониби Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ тасдиқ шудаанд;

б) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд мебошанд;

в) дар давраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ баста шудаанд;

г) то анҷоми давраи сохтмони нерӯгоҳи барки обӣ бояд анҷом ёбанд;

д) хароҷот аз рӯи онҳо ба таркиби ҳисоби сметавии маҷмӯии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ дохил карда шудааст.

7. Дар холате, ки агар иштирокчии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ дар банди 3 ҳамин Дастурамал зикргардида гардишҳои алоҳидаи ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд набуда дошта ё муомилоти басташудаи ӯ (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба талаботи дар банди 6 ҳамин Дастурамал зикргардида ҷавобгӯ набошад,

дар он сурат имтиёзҳои андоз  ба чунин фаъолият ё муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) татбиқ намегардад. Дар кисми дигари фаъолият ё муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо), ки ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд нест, иштирокчии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ супорандаи андозҳо ва пардохтҳои муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳуқуқи истифодаи имтиёзҳоро аз даст медиҳад.

## 2.ОЗОДКУНӢ АЗ СУПОРИДАНИ АНДОЗ

8. Дар давраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармоишгари сохтмон ва Пудратчии генералии сохтмон аз супоридани андозҳои зерин (аз лаҳзаи фаро расидани мӯҳлати пардохт ), ки бевосита ба сохтмон алоқаманд мебошанд, тибқи номгӯи андозҳо, ба андоза ва мӯҳлати муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ё қисман  озод карад мешаванд:

а) андоз аз арзиши иловашуда;

б) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;

в) андоз аз фоида(андоз низоми соддакардашуда);

г) андоз аз воситаҳои нақлиёт;

д) андозҳо аз молу мулки ғайриманқул;

е) андози иҷтимоӣ нисбати шахсони хориҷие, ки бевосита дар сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ фаъолият менамоянд;

ё) боҷи давлатӣ барои бақайдгирии тарҳи лоиҳаҳои эмиссияҳои коғазҳои қиматноки ғайридавлатӣ, ки бинобар сохтмони нерӯгоҳи барқӣ обӣ амалӣ мегардад.

9. Дар давраи сохтмон таҳвилгарони молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) барои сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ метавонанд аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд бевосита ба сохтмони дар боло пешбинигардида ҳисоб карда шаванд, бо андозаи озодкунӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, пурра ё қисман озод карда шаванд;

## 2. ТАРТИБИ ТАТБИҚИ ИМТИЁЗҲОИ ПЕШНИҲОДШУДА

10. Мутобиқи банди 8 ҳамин Дастурамал, барои Фармоишгар ва Пудратчии генералии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ озодкунӣ аз супоридани андоз аз фоида, инчунин озодкунӣ аз супоридани андоз аз

фоидаи софи муассисаи доимии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта мешавад.

11. Озодкунӣ аз супоридани андози иҷтимоӣ нисбати шахсони воқеъӣ, ки бевосита дар сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ фаъолият менамоянд ва шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб намеёбанд, озодкуниро аз супоридани андози иҷтимоӣ аз рӯи фонди пардохти музди меҳнати ин шахсон тибқи меъёри 25 фоиз ба шахсони дар банди 3 ҳамин Дастурамал зикрёфта, инчунин андози иҷтимоӣ тибқи меъёри як фоиз ба шахсоне, ки бевосита дар сохтмони нерӯгоҳи обии барқӣ фаъолият менамоянд ва шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб намеёбанд, мефаҳмонад.

12. Агар шартномаи байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст тартиби дигари андозбандиро пешбинӣ карда бошад, дар он сурат шахсони дар банди 3 ҳамин Дастурамал зикргардида доир ба масъалаҳои андозбандӣ меъёрҳои чунин шартномаи байналмилалӣ таҳти роҳбарӣ қарор дода мешаванд.

13. Дар ҳолате, ки агар дар давоми давраи сохтмон қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир ёфта, шартҳои ҳамин Дастурамалро вазнин гардонад, дар ин сурат то охири давраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ қонунгузории андози дар лаҳзаи оғози сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ амалкунанда татбиқ карда мешавад.

14. Бо мақсадҳои баҳисобгирии имтиёзҳои андозии пешниҳодшуда иштирокчиёни сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ дар банди 3 ҳамин Дастурамал зикргардида ӯҳдадоранд аз рӯи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд ва аз рӯи дигар амалиётҳои андозбандишаванда баҳисобгирии алоҳида баранд. Шахсони зикргардида ӯҳдадоранд саривақт ба мақомоти андози маҳали баҳисобгирии худ аз рӯи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд ва аз рӯи амалиётҳои андозбандишавандаи боқимонда ҳисоботи алоҳидаи андоз пешниҳод намоянд. Дар эъломияҳои андоз аз рӯи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд дар қисмати болои он қайд карда мешаванд: «Ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ ________________________» (номи нерӯгоҳи сохташаванда), сана ва рақами қайд аз Рӯйхати ягонаи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд мутобиқи банди 29 хамин Дастурамал гузошта мешавад.

15. Ҳамзамон озодкунӣ аз супоридани андозҳое, ки дар ҳамин Дастурамал зикр ёфтааст, озодкунӣ аз ӯҳдадории ҳисоб кардан ва супоридани андозҳо дар назар дошта мешавад ва дар ҳисоботи андоз аз рӯи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обии алоқаманд, объекти андозбандишаванда, меъёр ва маблағи андоз зикр карда мешавад.

16. Дар эъломияи андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) иштирокчиёни сохтмон, ки дар банди 3 ҳамин Дастурамал зикр шуданд гардишҳоро тибқи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқамандро дар сатри дахлдори эъломияи ААИ инъикос мекунанд. Дар баҳисобгирӣ аз рӯи ААИ маблағи андоз аз арзиши иловашуда тибқи усули мутаносибӣ гузаронида мешавад. Ҳамзамон, дар мавриди муайян намудани маблағи ААИ ба ҳисоб гирифташаванда ҳам маблағи гардиши андозбандишаванда ва ҳам озодгардида дар моҳи ҳисоботӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Агар дар давраи ҳисоботӣ танҳо гардиши озодкардашуда ҷой дошта бошад, дар он сурат ба ҳисобгири тибқи ААИ аз рӯи молҳо, корҳо ё хизматрасониҳои дастрасгардида роҳ дода намешавад. Аз рӯи муомилоти озоди (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд, иштирокчиёни сохтмони нерӯгоҳи барқи обии дар банди 3 ҳамин Дастурамал зикргардида, ки супорандаи ААИ мебошанд, аз рӯи ААИ ҳисобнома-фактураи андоз таҳия наменамоянд.

17. Пас аз анҷоми ҳар соли тақвимӣ, дар мӯҳлати муқарраршуда Фармоишгар, Пудратчии генералӣ ва дигар иштирокчиёни сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ, ки супорандагони андоз аз фоида ба ҳисоб меравconfigured, ба мақоми андози маҳали баҳисобгирии худ бо замимаҳои дахлдор тавозуни (баланс) муҳосибии солона пешниҳод мекунанд.

18. Агар молҳои (механизмҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва ғайра) тахвил шуда ё воридот (импорт) шуда, ки аз рӯи онҳо мутобиқи хамин Дастурамал пештар озодкунӣ аз супоридани андозҳо пешниҳод шуда буд, бо ягон сабаб қатъ гардидани амали шартнома, қарордод, созишнома (гузаштани мӯҳлат ё бекор кардан, анҷом ёфтани сохтмони нерӯгоҳи обии барқӣ ва ғайра) дар ихтиёри иштирокчии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ дар банди 3 ҳамин Дастурамал зикрёфта монад, дар ин сурат аз рӯи чунин молҳои ( механизмҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва ғайра) дар давоми 10 рӯз бояд андозҳое, ки аз рӯи онҳо пештар дар доираи ҳамин Дастурамал озодкунӣ пешниҳод шуда буд, ҳисоб карда супорида шавад, аз рӯи арзишҳои боқимонда дар рӯзи анҷом ёфтани мӯҳлат ё бекор кардани шартнома, қарордод, созишнома ё анҷом

ёфтани сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ вобаста аз он ки кадом мӯҳлат пештар фаро мерасад.

19. Муқаррароти банди 18 ҳамин Дастурамал ба Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ, нисбати молҳое ( механизмҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва ғайра), ки бояд аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир (экспорт) карда шаванд, инчунин нисбати молҳое (механизмҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва ғайра), ки аз рӯи карордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳои мавҷуда барои сохтмони дигар нерӯгоҳҳои обии барқӣ барои истифодабарӣ дар давоми 12 моҳи тақвимии минбаъда пешбинӣ шудаанд ё ба таври ройгон ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд, дахл надорад.

## 4. ВОРИДОТИ МОЛҲО БАРОИ СОХТМОНИ НЕРӮГОҲҲОИ БАРҚИ ОБӢ

20. Воридоти молҳо барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва объектҳои махсусан муҳим -баровардани молҳо барои гардиши озод, ки дар он ҳолат молҳои хориҷӣ барои мақсадҳои сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ обӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда мешаванд.

21. Шартҳои татбиқӣ имтиёзҳои андоз ҳангоми воридоти молҳо барои сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ мутобиқи сархати 7 қисми 4 моддаи 169 Кодекси андоз ва моддаи 345 Кодекси Гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

а) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номгӯи объектҳои махсусан муҳим дохил намудани сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ;

б) тасдиқ намудани Номгӯи молҳои воридшаванда барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

22. Номгӯи молҳои воридшаванда барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим бо дархости Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар якҷоягӣ бо Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ ва Пудратчии генералии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ омода гардида, мутобиқи регламенти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

23. Дархостҳо аз рӯи Номгӯи молҳои воридшаванда барои сохтмони обеъктҳои махсусан муҳим бо тартибе, ки дар банди 22 ҳамин Дастурамал пешбинӣ шудааст, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар семоҳа, вале на камтар аз 30 рӯзи тақвимӣ то оғози семоҳаи минбаъда пешниҳод карда мешавад.

24. Номгӯи молҳои воридшаванда барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим мумкин аст бо тартиби пешбининамудаи банди 22 ҳамин Дастурамал тағйироту иловаҳо ворид карда шавад.

25. Шакли ҳуҷҷати «Номгӯи молҳои воридшаванда барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқ обӣ» дар Замимаи №1  ҳамин Дастурамал оварда шудааст.

26. Имтиёзҳои андозу гумрук доир ба воридоти молҳо барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ, ки объекти махсусан муҳим ба ҳисоб меравaнд, аз рӯи пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ пешниҳод карда мешавад:

27. Фармоишгар ва Пудратчии генералии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ тартиби мутамарказонидашуда барасмиятдарории гумрукии молҳо ва воситаҳои нақлиётеро, ки тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ интиқол дода мешаванд, таъмин менамоянд.

## 5. ТАРТИБИ БАҚАЙДГИРӢ, НАЗОРАТ ВА БАҲИСОБГИРИИ МУОМИЛОТ

28. Ҳамаи муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) доир ба таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳое, ки ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд мебошад, бояд аз ҷониби Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ тасдиқ, ба қайд ва ба ҳисоб гирифта шаванд. Тасдиқи муомилоте (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо), ки ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд мебошанд, гузоштани мӯҳр, штамп ва имзои шахси якум ё муовини шахси якуми ваколатдоршуда Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обиро дар қарордод, шартнома ё созишнома ва ба Рӯйхати ягонаи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд дохил карданро ифода мекунад.

29. Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ бо мақсадҳои назорат ва баҳисобгирӣ оид ба татбиқи имтиёзҳои андоз  пас аз тасдиқи қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо оид ба таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳои ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд, барои пешниҳод ба мақомотҳои андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи шакли дар Замимаи № 2 ба ҳамин Дастурамал овардашуда Рӯйхати ягонаи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо), ки ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқамандро таҳия месозад ва пеш мебарад. Нусхаи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо,

созишномаҳо) тасдиқшудаи ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд, бо қайд дар бораи бақайдгирӣ аз ҷониби Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ на камтар аз 3 сол баъди анҷоми давраи сохтмони нерӯгоҳи барқӣ обӣ нигоҳ дошта мешавад.

30. Муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд аз ҷониби Фармоишгари сохтмон дар давоми ду рӯзи корӣ, пас аз пешниҳод шудани ҳамаи маълумотҳои зарури тасдиқ карда мешавад. Барои рад намудан, тасдиқ ва ба Рӯйхати ягонаи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ дохил намудан ҳамаи ё яке аз меъёрҳои зерин асос ба ҳисоб меравад:

а) мавҷуд набудани робитаи муомилот (амалиёт, қарордод, шартнома, созишнома) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ;

б) агар муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) дар давраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ баста нашуда бошад;

в) агар муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) то анҷоми давраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ мавриди анҷомёбӣ қарор наёфта бошад;

г) агар муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) Фармоишгарро бо нарх ё мӯҳлати иҷроиш қаноат накунад;

д) хароҷот аз рӯи муомилот (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба таркиби ҳисоби маҷмӯии сметавии сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ дохил карда нашуда бошад.

31. Барои бақайдгирии муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд. Фармоишгари сохтмон амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳоро бо мӯҳри корхонаи худ вобаста мекунад, бо имзои шахси ваколатдор тасдиқ менамояд ва мутобиқи Рӯйхати ягонаи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқаманд рақами тартибӣ мегузорад.

32. Ҳар моҳ, на дертар аз санаи панҷуми моҳи минбаъдаи моҳи ҳисоботӣ, Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ нусха аз Рӯйхати ягонаи муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ алоқамандро, ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи шакли дар Замимаи № 3 ба ҳамин Дастурамал овардашуда пешниҳод менамояд.

## 6. ҶАВОБГАРӢ

33. Асоснокии (дурустии) муомилоти (амалиётҳо, қарордодҳо, шартномаҳо, созишномаҳо) аз тарафи Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ тасдиқнамуда, ба зиммаи Фармоишгари сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ гузошта мешавад.

34. Шахсоне, ки муқаррароти ҳамин Дастурамалро вайрон кардаанд, инчунин ғайриқонунӣ имтиёзҳои андозии ҳамин Дастурамал муқаррарнамударо мавриди истифода қарор додаанд, мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.